## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза. – «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори С. Айнӣ». Барои дарёфти унвони илмии номзади илми филология. – Душанбе, 2019. – 27 саҳ.**

Рисолаи илмии муҳаққиқ Бобораҷабова Гулноза ба тадқиқи яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ бахшида шудааст. Бояд қайд кард, ки шахсият ва осори ҷовидонаи устод Садриддин Айнӣ дар замони худ ва то кунун мавриди таваҷҷуҳ ва таҳлилу таҳқиқи бешумори муҳаққиқони забон, адабиёт, таъриху фалсафа ва ҷомеашиносони дохиливу хориҷӣ қарор гирифтааст. Ёдовар бояд шуд, ки адабиёти тоҷики садаи бист вижагиҳои худро дошт ва муҳаққиқон низ ба он аз ҳамин дидгоҳ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аз ин рӯ, ба осори ҷовидони устод Айнӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун нависандаи маъруф, олими пуркор ва муҳаққиқи забардаст аз диди замони истиқлол баҳои сазовор додан вазифаи аввалиндараҷаи нақди адабии муосири тоҷик ва мактаби адабии айнишиносӣ мебошад.

Фишурдаи рисолаи пажӯҳишгар бозгӯйи раванди тадқиқи мавзӯи доманадорест, ки аз муқаддима, 3 боб, ки ҳар боб шомили фаслҳои алоҳида мебошад, хулоса ва адабиёти истифодашуда фароҳам омадааст. Аз муҳтавои фишурда ошкор мегардад, ки муаллиф барои таҳлили масъалаи мазкур маводди фаровонеро аз шинохти шахсияти адиб ва андешаҳо пиромуни рӯзгор ва фаъолияти ҷамъиятии устод Айнӣ, осори нависанда ва назари нақди адабӣ доир ба арзиши адабии осори ӯ мутолиа ва баррасӣ намудааст. Хулоса ва натиҷаи ниҳоии тадқиқ бори

дигар аз заҳмати унвонҷӯ дар барраси ва таҳлилу таҳқиқи мавзӯъ гувоҳӣ дода, арзиши илмии рисоларо ба маротиб афзун гардонидааст.

Он чи ки то андозае арзиши фишурдаро кам кардааст, роҳ ёфтани ғалатҳои зиёди имлоӣ дар он мебошад, ки тасҳеҳ мехоҳанд. Чизи дигари мавриди таъкид рӯйхатти адабиёти истифодашуда аст, ки ба талабот ҷавобгӯ нест. Ҷойи нашри мақолаи 5-уми нашршуда низ зикр нагардидаст.

Бо ишораи ин нуқсонҳои фишурда арзиши илмии он кам намегардад. Рисола ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори унвони номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, мебошад.

Дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ, номзади илми филология — Дустмурод Ҳафиззода

Имзои Ҳафиззода Дустмуродро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Эмомалӣ Тавқиев